“Тасдиқ мекунам”
ректори Муассисаи давлатии
таълимии “Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода”,
доктори илмҳои филологӣ
____________Низомӣ М.З.
“ “ __13.06________ 2020с.

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)“ барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 — журналистика**

Дар замони ҷаҳонишавӣ таъсири воситаҳои ахбори омма ба тафаккури омма хеле бузург аст. Бинобарон миёни давлатҳои абарқудрат ҷангҳои иттилоотӣ барои расидан ба манфиатҳои хеш ба роҳ монда шудаанд. Дар ин ҷода давлатҳои абарқудрат барои амалӣ намудани нақшаҳои худ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар оғоз воситаҳои ахбори оммаи ҳамон давлат қадами аввалинро гузорад ва ҳангоми баррасии ин масъала пуштибонӣ аз ҳуқуқҳои онҳо намоянд. Ба ин мисоли равшан шуда метавонад нооромиҳои ибтидои даҳаи дуюми асри XXI дар олами Араб, ки яке аз ҳадафҳои геосиёсии кишварҳои абарқудрат буд, ки дар ибтидо воситаҳои ахбори оммаи мамлакатҳои араб аз он ҷонибдорӣ мекарданд.

Баъд аз мамлакати Тунис Ҷумҳурии Мисри Араб дуюмин мамлакати арабие буд, ки дар он оғози соли 2011 нооромиҳо оғоз шуданд. Яке аз сарчашмаҳои он чанд сол пеш дар матбуоти давлатию хусусии Миср пайдо шудани мақолаҳои танқидӣ буд. Вале то чӣ андоза ин гуна мақолаҳо ба тафаккури мардуми Миср таъсир гузошт ва чаро журналистон чунин мақолаҳоро менавиштанд, бо кадом роҳ ба воситаҳои

ахбори оммаи Миср таъсир расонида мешуду журналистони ин кишвар аз рӯи дастурҳои онҳо фаъолият мекарданд, бояд таҳқиқ гардад. Чаро ки ин бори нахуст нест, ки воситаҳои ахбори омма сабабгори ноором кардани вазъ гардидаанд ва ин мавзӯъ мамлакатҳои зиёдеро ба ташвиш овардааст.

«Баҳори араб» тибқи нақшаҳои мамалакатҳои абарқудрат барпо гардида, ба воситаи воситаҳои ахбори оммаи худи кишварҳои Араб амалӣ шуданд. Аз ҷониби дигар, терроризму экстремизм имрӯз масъалаҳоеанд, ки тамоми аҳолии кураи замин ва воситаҳои ахбори оммаи дунёро ба ташвиш овардааст. Аз ин рӯ муайян намудани нақши воситаҳои ахбори омма дар ин низоъҳо яке аз мушкилоти журналистикаи имрӯза аст. Ноормиҳои давлатҳои гуногуни дунё нишон медиҳад, ки дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ саҳми воситаҳои ахбори омма аз ҳарвақта дида дар сар задани ноормиҳо зиёдтар мебошад. Аз ин рӯ мавриди таҳқиқ қарор додани мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)“ дар илми журналистикаи муосир муҳим ба шумор меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима зарурияти мавзӯъ асоснок, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Инчунин асосҳои назариявию методии таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии рисола ва натиҷаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудааст.

**Боби аввал "Омилҳои ба вуҷуд омадани ноормиҳо ва баррасии он дар матбуоти Миср”** ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб нақши воситаҳои ахбори омма дар ҷангҳои иттилоотӣ дар мисоли ноормиҳои давлати Миср, инъикоси ноормиҳо ва таъсири он ба тафаккури аҳолии ин мамлакат таҳқиқ шудааст. Дар **зербоби якум «Заминаҳои оғози ҳодисаҳои соли 2011»** инъикоси воқеъбинонаи ноормиҳои 25 январи

соли 2011 дар саҳифаҳои матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ Исмоилова Ф.Қ. тариқи таҳқиқи мавзӯи баррасишаванда ба хулоса омада таъкид мекунад, ки агарчи ҷангҳои иттилоотӣ барои инсоният чизи нав нест ва он солҳост, ки миёни абарқудратҳо идома дорад, аммо бо тараққиёти техника он боз ҳам тезу тунд сурат гирифта истодааст. Интернет дар ин кишвар чун як навъи ВАО пазируфта шудааст. Ба андешаи аксар пажуҳишгарони соҳа дар нооромиҳои Миср нақши сомонаи «WAAKS», яъне «We Are All Khaled Said» (Мо ҳама Холид Саидем), ки ҳанӯз 10 июни соли 2010 таъсис дода шуда буд, хеле бузург аст. Пас аз сар задани норомиҳо дар Миср дар ибтидо васоити ахбори оммаи давлатӣ кӯшиш мекард, то чун пештара аз ҳукумати Ҳусни Муборак ҷонибдорӣ кунад, аммо ВАО-и мустақил бошад, муқобили васоити ахбори оммаи давлатӣ баромад мекард. Яке аз аввалинҳо шуда бонуфузтарин рӯзномаи давлатии Миср «Ал-Аҳром» аз инқилобчиён дастгирӣ кард. Рӯзномаи давлатии «Ал-Аҳром» дар ин давра мавқеашро пурра тағйир дода, ҷонибдори шӯришгарон шуд. Аксари ВАО-и Миср ба нашрияи «Ал-Аҳром» ва шабакаи аввали телевизион менигаристанд, ки онҳо ин нооромиҳоро чӣ гуна инъикос мекунанд ва киро ҷонибдорӣ мекунанд.

Аз таҳлили маводи ВАО-и Миср дар соли 2011 муаллифи рисола ба хулоса меояд, ки воситаҳои ахбори омма чун як қувваи бузург дар ҷангҳои иттилоотӣ ва нооромиҳо, дар авҷ гирифтани ҷонибҳои даргир нақши калон дошт.

Боби дуюми диссертатсия- **«Инъикоси ҳаводиси Миср аз нигоҳи ВАО-и хориҷӣ»** низ аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум **«Баррасии воқеоти Миср дар ВАО-и Тоҷикистон»** унвон дошта, дар он то чи андоза воқебинона инъикос шудани ҳаводиси Миср дар воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муаллифи рисола бо таҳқиқи мавзӯъ ба хулоса меояд, ки воқеаҳои Миср дар воситаҳои

ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо назари хосса ва андешаҳои ҷудогона дар бораи нооромиҳои кишварҳои арабӣ, махсусан кишвари Миср дар матбуот ва оҷонсиҳоии иттилоотии хусусии тоҷик нисбат ба телевизион ва радиои давлатӣ бештар ба чашм мерасад. Ҳарчанд дар шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати воқеоти Миср сюжетҳо пахш мешуданд, аммо кулли онҳо аз шабакаҳои телевизионии хориҷӣ гирифта шуда, бо тарҷумаи тоҷикӣ пахш мегардиданд. Ҳол он, ки ҳар як расона иттилоъро мувофиқ ба сиёсати редаксияи худ омода мекунад ва сипас пахш мекунад. Аз оне, ки шабакаҳои телевизионии мо сюжетро доир ба нооромиҳои кишвари Миср аз шабакаҳои хориҷӣ гирифта, бе таҳриру илова ба тамошобин мерасонд, гуфта наметавонем, ки ин ҳодисаҳо дар шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеабинона инъикос мешуданд.

Аз таҳқиқи ин боб муаллиф ба хулоса омада таъкид мекунад, ки дар инъикоси воқеоти Миср рӯзномаҳои ва оҷонсиҳои иттилоотии мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон пешдаст буданд.

**Боби сеюми диссертатсия «Рангорангии жанрӣ дар инъикоси воқеоти сиёсии солҳои 2011-2013-и Миср»** ном дошта, зербоби якумаш - «Воқеоти сиёсӣ ва инъикоси он дар қолаби жанрҳои хабарӣ» унвон гирифтааст. Жанри хабар яке аз жанрҳои асосӣ ва маъмулии воситаҳои ахбори оммаи Миср ба шумор рафта, фарогири ҳама мавзӯъҳост. Барои намуна дар рӯзномаи «Ал-Аҳром» аз 28 июни соли 2013 75 хабар нашр шудааст. Аз он 15 хабар аз вазъи сиёсии кишвар, 7 хабар дар бораи воқеоти кишварҳои арабӣ зери рубрикаи «Ахбори арабӣ», 6 хабар аз агентиҳои иттилотии гуногун дар бораи муҳимтарин воқеаву рӯйдодҳои ҷаҳон бо рубрикаи «Ахбори олам», зери рубрикаи «Аз ахбори маҳаллӣ» 3 хабар, 8 хабари иҷтимоӣ, 9 ахбори иқтисодӣ, 6 варзишӣ, 8 хабар дар бахши «Ҳаводис» дар бораи куштор ва ҷинояткорӣ, 7 хабар дар бораи мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ ва 6 хабари фарҳангӣ нашр шудааст, ки дар ин шумора дар муқоиса бо дигар жанрҳо жанри хабар хеле зиёд истифода шудааст. Натиҷаи пажӯҳиш нишон дод, ки дар ин давра зиёда аз 60%-и маводи рӯзномаҳоро хабар ташкил медод.

Таҳқиқ нишон дод, ки се жанри хабарӣ: хабар, мусоҳиба ва гузориш дар замони инқилобу нооромиҳо дар матбуоти Миср хеле зиёд истифода мешуданд.

**Зербоби дуюми боби сеюм «Шарҳи воқеаҳои сиёсӣ дар қолаби жанрҳои таҳлилӣ»** унвон дошта, дар он таҳлили мавзӯъҳои сиёсӣ дар жанрҳои таҳлилӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Жанрҳои таҳлилии шарҳ, мақола ва таҳқиқоти журналистӣ дар ин давра зиёлтар истифода мешуданд. Дар ҳар як шумораи рӯзнома сармуҳаррир сутуни муаллифии худро менавишт. Инчунин жанрҳои нигориш, мактуб ва суҳбат низ камтар бошад ҳам дар рӯзномаҳои мисрӣ истифода карда мешуданд. Мавзӯъҳои дар доираи жанрҳои таҳлилии истифодашудаи ин давраи матбуоти Миср нооромиҳои сиёсӣ, таҳаввулоту дигаргуниҳо ва инқилобу нобасомониҳо дар ин кишвар ва минтақа буданд. Рисоланавис Исмоилова Ф.Қ. аз таҳқиқ дар ин зербоб ба хулоса омадааст, ки рӯзноманигорони мисрӣ дар ин давра бо истифода аз жанрҳои таҳлилӣ тавонистанд мавзӯъҳои доғи рӯзро ба таҳлилу баррасӣ кашанд.

Муҳаққиқ Исмоилова Ф.Қ. дар анҷоми рисола аз натиҷаи таҳқиқот натиҷагирӣ карда, доир ба ҳар фаслу боб хулосаи илмии хешро баровардааст. Аз ҷумла:

- пажӯҳиш собит намуд, ки дар давраи аввали нооромиҳои Миср аз ибтиои соли 2011 матбуот ва тамоми воситаи ахбори оммаи ин кишвар аз ҷониби абарқудратҳо баҳри расидан ба ҳадафҳои худ чун дастгоҳ дар ҷангҳои иттилоотӣ истифода шуд. Дар давраи дуюми нооромиҳо шурӯъ аз соли 2013 бошад, матбуоти Миср дар ҷангҳои иттилоотӣ алайҳи

кишварашон фаъолона ширкат намуда, журналистон кӯшиш намуданд то аз манофеи давлаташон  дастгирӣ намоянд;

- таҳқиқи мавзӯи мазкур нишон дод, ки маводи васоити ахбори омма, махсусан матбуот ба тафаккури ҷомеа таъсири зиёд мерасонад. Ин бори дигар соҳиби қудрат будани ВАО-ро нишон медиҳад;

- аз пажӯҳиш бармеояд, ки дар вақти ноорамиҳо ҳам матбуоти дохилӣ ва ҳам хориҷӣ воқеиятро пурра намегуфтанд, таҳрифи ҳодисаҳо ба назар мерасид. Аксар  вақт матбуот фактро аз будаш зиёд ва ё кам нишон медод;

- телевизионҳо ва радиоҳои давлатии Тоҷикистон хабарҳоро дар бораи воқеоти Миср аз дигар шабакаҳои хориҷӣ  гирифта, бе таҳрир пахш мекарданд. Яъне, ба ҳодисоти Миср телевизионҳои мо аз чашми дигарон менигаристанд. Хабаре, ки дар расонаҳои хориҷӣ доир ба ноорамиҳои Миср пахш шудааст то ба куҷо ба воқеият наздик аст, телевизионҳои мо инро ба назар намегирифтанд. Барномаҳои алоҳидае, ки дар он ин ноорамиҳо бо назари хосаи журналист ва нигоҳи коршиносони тоҷик баррасишуда бошанд, дар телевизионҳои тоҷик ангуштшумор буд;

- дар инъикоси ноорамиҳои Миср сомонаҳои матбуотии Амрико назар ба Россия пешдаст буд. Яъне фаврияти иттилоъ ҳангоми баррасии ин мавзӯъ дар матбуоти Амрико бештар ба чашм мерасид. Тарзи навишт ва пешниҳоди мавод низ дар матбуоти Амрико хеле ҷолиб буда, диққати аудиторияро бештар ба худ ҷалб мекард. Махсусан рӯзномаи «Ню-Йорк Таймс» ҳангоми баррасии ноорамиҳои Миср хоҳ дар худи рӯзнома хоҳ дар сомонаи он аз расмҳои зиёд истифода мекард, ки ин амал ҷолибияти маводро бештар мекунад. Дар сомонаи рӯзнома бошад пас аз ҳар як сархат навори хурдеро аз ин ноорамиҳо дар ҳаҷми 3-4 дақиқа мегузорад. Албатта, бо забони тасвир баён намудани ҳодиса ба аудитория таъсири бештар мерасонад. Аз ҷониби дигар мусоҳибон дар чунин мавод бештар аҳолии худи Миср буд, ки ин амал ҷолибияти маводро зиёд мекунад;

- қаблан дар матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб аз жанрҳои гуногун истифода мекарданд. Аммо замони низоъҳо жанрҳои ахборӣ фаъолтар шуданд. Дар ин давра рӯзноманигорон бештар аз жанрҳои хабарии мусоҳиба, репортаж ва хабар истифода мекарданд;

- дар давраи ноороміҳо дар Миср рӯзноманигорон барои баррасии масоили сиёсӣ аз жанрҳои таҳлилии мақола, шарҳ, колумнистика, таҳқиқоти журналистӣ, мактуб ва аз жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ карикатура истифода мекарданд. Дар ин давра шумораи шарҳҳои сиёсӣ дар матбуоти Миср хеле зиёд шуданд;

- агарчи дар матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб аз тамоми жанрҳо истифода мебаранд, аммо жанрҳои ахборӣ бартарият доранд. Ин аз он сабаб аст, ки рӯзномаҳо ҳар рӯз нашр мешаванд ва мардум онҳоро бештар барои огоҳ шудан аз навтарин хабарҳо харидорӣ мекунанд.

Муаллиф дар заминаи пажӯҳиши баанҷомрасонидааш ба хулосаҳои илмие омадааст, ки дар поёни фаслу бобҳо ва дар қисми хулоса ҷой дода шудааст. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки Исмоилова Фарзона Қаюмовна рисолаи илмиро дар мавзӯи "Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)" ба анҷом расонидааст. Тадқиқот арзиши назарӣ ва амалӣ дошта, такя ба сарчашмаҳои назариявӣ ва илмӣ таҳия гардидааст. Бори аввал ин мавзӯъ тариқи рисолаи илмӣ таҳқиқ шудааст.

Хулоса, аз назари арзиши илмӣ, навоварӣ ва таҳқиқу таҳлилӣ рисолаи илмии Исмоилова Ф.Қ. ҷавобгӯ ба талабот аст. Вале дар баробари комёбиҳо дар он баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳанд шуд. Аз он ҷумла:

- агар дар диссертатсия яке аз бобҳо дар баробари матбуот ба воситаҳои ахбори омма электронӣ (телевизион, радио, сомонаҳои интернетӣ) вобаста ба мавзӯи таҳқиқшаванда бахшида мешуд, рисолаи илмӣ боз ҳам мукаммалтар мегашт;

- маводи воситаҳои ахбори оммаи пажӯҳишшаванда аз рӯи талаботи жанрӣ баррасӣ ва сабабҳои истифода нагардидани жанрҳои боқимондаи журналистика таҳлил мегардид, боиси пурратар гаштани рисола мешуд;

- мавзӯи таҳқиқшаванда бо гузаронидани назарсанҷӣ боз ҳам ҷолибтару илман асосноктар мегашт;

- хулосаҳо то андозае умумӣ мебошанд, ҳол он ки рисолаи илмро хулосаи мушаххас мебояд;

- дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Вале ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии рисоларо паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро муваффақона ба иҷро расонидааст. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмӣ буда, аҳамияти назариву амалӣ дорад. Автореферат, рисола ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи илмии Исмоилова Фарзона Қаюмовна "Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)" пажӯҳиши бaанҷомрасида буда, дар сатҳи илмӣ таьлиф шудааст. Вай бо муҳимият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариву амалиаш ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - журналистика лоиқ аст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизиони факултети режиссура, кино ва телевизиони МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" 24 апрели соли 2020 мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар ҷаласа 13 нафар ширкат намуда ба тарафдории тақризи мазкур 13 нафар овоз доданд, зид ва бетараф нест.

Раиси ҷаласа, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" доктори илмҳои филологӣ, дотсент — Муъминҷонов Зулфиддин

Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи журналистикаи телевизион — Абдуллоева Адиба

Эксперт, номзади илмҳои таърих,
дотсент, мудири кафедраи
журналистикаи телевизион Сабуров Абдунабӣ

Имзоҳои Муъминҷонов З., Абдуллоева А.
ва Сабуров А.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ
"ДДФСТ ба номи М. Турсунзода" Ҳомидова Зарина
4 майи соли 2020

Нишонӣ: 734032, ш. Душанбе,
хиёбони Борбад 73а,
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода"
тел. +992(327) 231 05 57, 231 45 45
www ddst. tj
E-mail: tajartins@yandex.com